*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш .Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад, ки барои ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки яке аз роҳҳои таъмини бозори молиявӣ ва таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба шумор меравад, тамоми чораҳоро роҳандозӣ намояд. Зеро бо аз байн рафтани алоқаҳои зичи молиявию иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Шӯравӣ фазои молиявии мамлакат ба мушкилоти зиёд дучор шуд. Ҳамин буд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Хазинаи баналхалқии асъор, Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳо кӯмакҳои зиёди молиявию иқтисодӣ расониданд ва ин тамоюл то кунун идома дорад. Аз ин рӯ, масъалаи мукаммалгардонии механизми ҳамкорӣ бо ин созмонҳо дар мадди аввал қарор мегирад, ки маҳз таҳқиқи аз ҷониби  Тағоев Маҳмадмумин Раҳимович гузаронидашуда, мубрамияти кори илмиро инъикос мекунад.

Аз автореферат бармеояд, ки муаллиф рисолаи имлмиашро аз се боб, сарсухан, хулосаю пешниҳодот ва дигар элементҳои сохтории барои таҳияи рисола заруратдошта мураттаб намудааст.

Мақсади эҷоди рисолаи илмӣ, вазифаҳо, дараҷаи азхудшудаи масъала, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, дастовардҳои илмӣ ва тавсифи дигар масъалаҳои умумии диссертатсия дар муқаддимаи автореферат тибқи тартиби ҷойдошта оварда шудаанд, ки қобили қабул ва мувофиқи талаботи навиштани автореферат мебошанд.

Дар автореферати Тағоев М.Р. бо назардошти шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ, заминаҳои консептуалӣ ва таҷрибавии самарабахши ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, модели

ташаккули кӯмаки расмӣ, зарурият ва аҳамияти он барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ пурра таҳқиқ шудаанд.

Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун роҳи дурусти ҳамгирой бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самтҳои фаъолияти сиёсӣ; иқтисодӣ; иҷтимоӣ; молиявӣ ва ғайра маънидод гашта, яке аз шохаҳои асосии сиёсати хориҷии иқтисодӣ-молияв Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд.

Аз таҳлилҳои муаллиф пайдост, ки дар солҳои аввали ҳамкорӣ бо донорҳои бисёртарафа объекти асосии маблағгузорӣ дар доираи Кӯмаки расмӣ барои рушд бахшҳои: ислоҳоти давлатӣ, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, мелиоратсия, энергетика, ирригатсия ва ғайра баромад мекарданд. Минбаъд аз нигоҳи муаллиф ин раванд суръати тоза касб намуда, таваҷҷӯҳ ба соҳаҳои иҷтимоӣ: - маориф, тандурустӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бештар равона карда шуданд.

Муаллиф исбот намудааст, ки молияи байналмилалӣ ҳамчун қувваи мусоидаткунанда ба рушди иқтисодӣ баромад карда, яке аз роҳҳои дарёфти маблағҳо ҷиҳати кам кардани бори буҷетӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар ҳамчун ҳолати “хатарзо” барои иқтисоди миллӣ баромад менамояд.

Пешниҳоди муаллиф, оиди он ки кӯмакҳои молиявии берунӣ боиси пайдоиши қарзи берунии давлат мешавад ва қарзи зиёд нуфузи байналмилалии мамлакатро паст менамояд, қобили қабул мебошанд.

Дар радифи ҷанбаҳои назаррас автореферати диссертатсия як қатор норасиҳоро низ дар худ дорад, ки ба сифати кор таъсири манфӣ намерасонанд:

1. Дар автореферат шумораи зиёди чадвалҳо ва расмҳо ҷой карда шудаанд, ки ин хуб аст, лекин ба ҷойи баъзе аз онҳо ба таври хаттӣ шарҳу эзоҳи таҳлилӣ ифода карда мешуд, ба манфиати кор мебуд;
2. Муаллиф бояд дар автореферат критерияҳои асосии ба гуруҳҳо тақсим кардани давлатҳои кӯмаки расмигирандаро аз СҲИТ мушаххасан нишон нишон медод ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро чуқуртар баҳо медод;
3. Даврабандии ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳо (се давра) чизи нав аст, лекин хуб мешуд, ки дар автореферат пурратар шарҳу эзоҳ дода мешуданд;
4. Нишон додани оқибатҳои манфии ҳамкорӣ бо созмонҳо таҳлили пурратару шарҳу эзоҳи зиёдтарро талаб мекунад ва дар автореферат ҷой кардани онҳо ба сифати автореферат як тобиши навро илова мекард;

**5.** Дар автореферат як қатор камбудиҳои имлогӣ ва грамматикӣ, махсусан дар қисмати забони русии автореферат бештар ҷой доранд, ки ислоҳ кардани онҳо мувофиқи матлаб мебошанд.

**Хулоса.** Автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи муҳим бо истифодаи методҳои муосири таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ навишта шуда, норасоиҳои пешниҳодкардаи мо хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии автореферастро комилан халалдор намесозанд.

Автореферати диссертатсия дар мавзӯи “Мукамалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016с., №505)* ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мутобиқат менамояд ва Тағоев М.Р. барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**декани факултети Молия ва иқтисодиёти**
**бозори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Қодиров А.Л.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
**Тел. (моб):** + (992) 92-777-40-63 **E-mail:** kadir55@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети Молия ва иқтисодиёти бозори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” - ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳои МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Ашрапова З.Н.**